# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Тиллозода Анваршоҳ Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).**

Тоҷикон яке аз миллатҳои хеле қадима ва дорои таъриху тамаддуни ҳазорсолаҳо мебошад, ки дар масири таърих бо дастовардҳои арзишманди сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар фарҳанг, ҳам дар тамаддун, ҳам дар фалсафа ва ҳам дар оини давлату давлатдорӣ саҳми бориз гузоштааст. Дастовардҳои халқи тоҷик дар ташаккули тамаддуни на танҳо форсизабонҳо балки халқҳои ҷаҳон саҳми бориз гузошта, имрӯз фалсафа ва адаби тоҷикон шуҳрати ҷаҳонӣ дорад ва аҳамияти таърихии худро то ҳанӯз гум накардааст.

Мавзуи диссертатсионии унвонҷӯ Тиллозода Анваршо Абдулҳақ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалии халқи тоҷик «**Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI**» бахшида шудааст, ки ҷанбаъҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик дар ин марҳила хеле гуногунранг ва муҳиму тақдирсоз буд, ки ин масъала муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро ба вуҷуд меоварад.

Боиси зикри хос аст, ки фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ яке аз ҳаводиси таъсиргузори олам буда, ба ҳамон андозае, ки таъсиси он дар соли 1922 тарҳи нав дар ҷаҳон андохта буд, заволу азбайнравиаш дар соли 1991 низ минтақа ва ҷаҳонро мутаҳаввил гардонд. Ин раванд дар сарнавишти мардуми тоҷик ва кишвари Тоҷикистон низ таъсири амиқ гузошт. Дар пайи ин тамоюлҳои ислоҳотпазир мавҷи дигаргунсозиҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ сарозер гардида, дар кӯтоҳтарин фурсат паёмадҳои бузургеро дар ростои тағйирёбии куллии ҷомеа пиёда сохт.

Дар автореферат ва диссертатсияи худ Тиллозода Анваршо Абдулҳақ зикр менамояд, ки дар солҳои 80-уми қарни гузашта раванди бозсозӣ дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омада, тағйиротҳои куллиро дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии тамоми кишварҳои узв ба вуҷуд овард. Аз таъсири бозсозӣ халқи тоҷик низ бе таъсир намонда, дар давраи бозсозӣ ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик то як андоза аз рушду инкишоф монд. Ин ҳолат ҷараёнҳои озодихоҳӣ, миллият ва дигар масъалаҳоро ба вуҷуд овард. Зеро, ки то ин дам арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои миллӣ аз тарафи ҳукумати марказӣ нодида гирифта мешудаанд. Тарафи дигар масъала дар он аст, ки заминаи асосиро барои соҳибистиқлолии давлатҳо маҳз раванди босозӣ ба вуҷуд овард, қайд менамояд Тиллозода Анваршо.

Дар солҳои 1990-1991 ҷумҳуриҳои шуравӣ як як истиқлолияти худро ба даст овардан гирифтанд. Аммо истиқлолияти Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомада, дар кишвар бо сабабҳои айнӣ ва бо айби роҳбарони сиёсии давр, ки аз ӯҳдаи идораи равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ баромада натавонистанд, дар натиҷа дар мамлакат ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ аз бисёр ҷиҳат таъсири амиқи худро ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсӣ расонида, дар кишвар фақр, бенавоӣ, бекорӣ ва дигар бухронҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омад.

Ҷанги шаҳрвандӣ хисороти зиёд ба соҳаҳои ҳаётан муҳим аз ҷумла иқтисодиву иҷтимоӣ расонида, боиси ҳалокати шаҳрвандони зиёд, муҳоҷирати иҷбории шаҳрвандон ва хисороти иқтисодие, ки арзишаш 10 миллиард доллари ШМА буд, гардид.

Дар ин ҳолати номуайянӣ ва сарнавиштсоз бояд дар кишвар шахсияте рӯи кор меомад, ки миллатро аз парокандагӣ, давлатро аз нестшавӣ, фарҳангу забонро аз махлутшавӣ ҳифз менамуд, чун обу ҳаво лозим буд. Дар ин замони тақдирсоз ба рӯйи миллати тоҷик офтоби бахт нурпошӣ намуда, роҳбаре аз табори ориёбӣ бо азму иродаи қавӣ ба арсаи

сиёсат ворид шуда, ба мардум бо ҷуръатона қавл дод, ки “Ман ба Шумо сулҳ меорам” ин шахсият Эмомалӣ Раҳмон буд.

Эмомалӣ Раҳмон дар тули 5 сол тавонист, дар мамлакат сулҳи сартосариро таъмин, зиндагонии осоиштаву мусолиматомезро барои шаҳрвандон арзонӣ намуда, роҳҳо ва воситаҳои рушди давлатдории миллии тоҷиконро муайяну мушаххас намуда, давлати тоҷиконро дубора бунёд ниҳод, ки дар ин диссертатсия ва автореферати он оид ба хизматҳои ин абармарди таърих дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ низ андешаҳои фаровон мавҷуд мебошад.

Муҳтавои автореферат нишон медиҳад, ки байни объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот бо навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мувофиқат ва ҳамоҳангии назаррас мавҷуд мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳадафҳои гузошташудаи муаллиф, ки ҳаллу фасл гардидаанд, дар шакли  нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҷассум гардидаанд, бо заминаи назариявӣ ва мантиқи умумии диссертатсия пайванди мустақим дошта, бо мазмун ва сохтори таҳқиқот пурра мувофиқат мекунанд.

Автореферати диссертатсия инъикоскунандаи мундариҷа, сохтор, дараҷаи омӯзиш, объект, предмет, ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалӣ, навгониҳо, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва умуман моҳияти таркиби бобҳо ва зербобҳо мебошад, ки ба талаботи таҳияи автореферати диссертатсияи номзадӣ мувофиқ мебошад. Ҳамзамон русии автореферат ва фишурдаи он ба таври илмӣ ва бо услуби хос навишта шудааст.

Новобаста ба он, ки автореферат ба талабот ҷавобгӯ мебошад, аммо дар он як зумра камбудиҳои ҷузъие низ ба назар мерасанд:

1. Ҳаҷми автореферат каме зиёдтар мебошад ва хуб мешуд, ки автореферат каме фишурда омода мегардид;
2. Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ низ дида мешаванд, ки хуб мебуд муаллиф ба масъалаи мазкур таваҷҷӯҳ менамуд.

Аммо новобаста ба ин камбудтҳои ошкорнамуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии авторефератро коста наменамояд ва ба талаботи омодасозии автореферати диссертатсия ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи номзадии Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «**Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI**» ба талаботи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 –Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02-Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** мудири кафедраи таърихи
Халқи тоҷики ДДБ ба номи
Носири Хусрав, н.и.т. Мирзоев Ғ.Ш.

«Имзои н.и.т., Ғ.Ш. Мирзоев-ро тасдиқ мекунам»

Сардори ШК ва КМ- и
ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
5.01.2026

**Суроғаи муассиса:**
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
в. Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айни, 67
Тел.: (+992)8322225481
E-mail: bgu. @mail.ru Сомонаи расмӣ: www.btsu.ti